Китоби Муқаддас барои кӯдакон

# Сафарҳои ҳайратангези Павлус



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Павлус ва Силос хизматгорони Исо дар зиндон буданд. Не, онҳо ягон кори бад накарда буданд. Танҳо аз вуҷуди зан девро берун ронда буданд. Онҳо ба бутпарастоне, ки дар шаҳри Филиппӣ мезистанд, қудрати Худои ҳақиқӣ ва Писари Ӯро нишон доданд. Барои ҳамин онҳоро дастгир намуда, қамчинкорӣ карданд ва баъд ба зиндон андохтанд.





Шояд шумо
интизор бошед,
ки Павлусу
Силос хашмгину
аламнок буданд.
Аммо онҳо ин
хел набуданд.



Дар асл онҳо
нисфи шаб хондани
сурудҳои ситоиширо
ба Худо  сар
карданд.  Тамоми
зиндониёни дигар
ва зиндонбон
онҳоро шуниданд.

Ногаҳон сурудхонӣ бас шуд. Худованд заминҷунбӣ фиристод, то зиндонро ҷунбонад. Тамоми дарҳо ва занҷири ҳама кушода шуданд.





Ваҳ... не..! Зиндонбон бовар дошт, ки тамоми зиндониён дар ин тӯпаланг гурехтаанд. Ҳатто агар як зиндонӣ мегурехт, зиндонбон ба марг маҳкум мешуд. Афсӯс, ки зиндонбон шамшерашро баровард. Ӯ метавонист худашро кушад ва бо ҳамин кор тамом шавад.

Аммо Павлус фарёд зад: “Ба худат зарар нарасон, зеро ҳамаи мо ин ҷо ҳастем”. Ҳангоме ки зиндонбон инро дид, гуфт: “Эй хоҷаҳо, ман чӣ кор кунам, ки наҷот ёбам?” Онҳо гуфтанд: “Ба Худованд Исои Масеҳ имон овар. Он гоҳ ту ва хонаводаат наҷот меёбед”. Зиндонбон хурсандона имон овард.





Рӯзи дигар Павлусу Силос озод шуда, ба бисёр шаҳрҳои дигар сафар карданд, то ба одамон дар бораи Исо нақл кунанд. Баъзеҳо имон оварданд ва дигарон ба онҳо зарар расондан мехостанд.



Аммо Худо бо хизматгорони Худ буд.  Як шаб Павлус соатҳо мавъиза кард. Ҷавоне, ки дар назди тиреза нишаста буд, хобаш бурд. Шумо тахмин карда метавонед, ки чӣ ҳодиса рӯй дод.



Ҳама медонистанд, ки ҷавон мурдааст. Вале Павлус ба поён рафта, вайро ба оғӯш гирифта гуфт: “Ҳаёти вай дар вуҷуди ӯст”. Онҳо мардро зинда ба хона оварданд ва хеле хурсанд буданд.

Павлус ва Силос ҳангоми сафари Аврупо бисёр саргузаштҳо доштанд.  Яке аз воқеаҳои бузурги Павлус ҳангоми дар киштӣ буданаш рӯй дод.  Инҳо киштиҳои оҳанини баҳрӣ набуданд, балки киштиҳои бодбондоре буданд, ки дар ҳавои тӯфонӣ ба осонӣ ба ҳар тараф зада мешуданд.





Азбаски Павлусро боз ҳабс карданд, вай дар киштӣ буд. Ҳоло ӯ бояд дар назди император, дар Рум, пойтахти ҷаҳон ҳозир мешуд. Шамоли сахт суръати киштиро суст кард. Ба назар мерасид, ки дар пеш ҳавои номусоид аст. Ин барои Павлусу дигар зиндониён ва ҳам барои киштиронҳо сафари вазнин буд.

Павлус огоҳ кард: “Мардон, мебинам, ки сафарамон бо фалокат ба охир мерасад”.  Сардори киштӣ инро гӯш кардан нахост.  Онҳо ба баҳр баромаданд.  Вақте ки тӯфони сахт омад, онҳо гирдогирди киштӣ арғамчинеро бастанд.  Онҳо умед доштанд, ки ин киштиро аз шикастан нигоҳ медорад.



Агар киштӣ мешикаст, ин барои ҳама қабри обӣ мешуд.

Киштӣ чунон тӯфонзада буд, ки сардори киштӣ ба ҳама фармуд, ки барои сабук кардани он ёрӣ диҳанд. Дар рӯзи сеюм онҳо асбобу анҷоми киштиро ба об партофтанд. Шояд ин ёрдам мекунад.



Шабона фариштае дар назди Павлус истода, гуфт, ки ҳама чиз хуб мешавад. Дигарон рӯҳбаланд шуданд, зеро Павлус ба онҳо гуфт: “Мардон, далер бошед, зеро бовар дорам, ки чунон ки ба ман гуфта шудааст, ҳамон тавр мешавад. Фақат мо бояд ба пастоби ягон ҷазираи аниқ бархӯрем”.



Баъди чанд рӯз киштӣ ба назди ҷазираи Малита бурда шуд. Он ба пастоби санглох дакка хӯрда, аз ҳам ҷудо шуд. Сардори киштӣ фармуд, ки аввал одамоне, ки шино карда метавонанд, худро ба об партофта ба соҳил бароянд. Дигарон низ сиҳату саломат, тахтаҳо ва шикастпораҳои киштиро дошта гурехтанд.





Дар Малита Худо қудрати Худро нишон дод. Ҳангоми чидани ҳезум барои оташ Павлусро море газид. Одамон фикр карданд, ки вай мемирад. Вале неши мор зараре нарасонд. Сипас одамон фикр карданд, ки Павлус худо аст. Бисёр одамони бемор омаданд ва вақте ки Павлус барояшон дуо кард, Худо онҳоро шифо дод.

Ниҳоят Павлус ба Рум омада расид. Ҳалли масъалаи додгоҳии ӯ, беш аз ду сол вақт гирифт. Дар давоми ин вақт Павлус хонаеро иҷора гирифта, одамонро қабул мекард. Оё медонед, ки Павлус ба онҳо дар бораи чӣ нақл мекард? Дар бораи Подшоҳии Худо! Дар бораи Худованд Исои Масеҳ! Павлус ба монанди дигар сафарҳояш, дар Рум низ хизматгори Худо буд.



“Ман ба мисли варзишгар хуб мубориза бурда, то охир давидам ва имонро нигоҳ доштам” — навиштааст Павлус аз Рум. Дар Китоби Муқаддас навишта нашудааст, ки ҳаёти Павлус чӣ гуна ба охир расид. Аммо дар баъзе сарчашмаҳо омадааст, ки Павлусро дар Рум император Неро сар аз тан ҷудо кардааст.



Сафарҳои ҳайратангези Павлус

Ҳикоя аз Каломи Худо

Амалҳои Расулон 16, 27, 28

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16